«Тасдиқ мекунам»

Ректори МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” доктори илми таърих, профессор _____ Усмонзода А.И.

“____” январи соли 2023

Тақризи

муассисаи пешбар – МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” ба диссертатсияи номзадии Холов Аълохуҷа Сайнозимович дар мавзуи “Таъсири Ибн ал-Фориз ба эҷодиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.03 – Адабиёти кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии Амрико ва Австралия (адабиёти араб) пешниҳод шудааст.

Мутобиқати мухтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илм. Диссертатсияи Холов Аълохуҷа Сайнозимович дар мавзуи “Таъсири Ибн ал-Фориз ба эҷодиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ” ба банди 5-уми бахши «Соҳаҳои таҳқиқот»-и шиносномаи ихтисоси 10.01.03 – Адабиёти кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии Амрико ва Австралия (адабиёти араб) мутобиқат менамояд.

Албатта, таърихи таҳаввули фарҳангу тамаддуни халқҳои мухталифи олам аз он гувоҳӣ медиҳад, ки онҳо ҳанӯз аз замонҳои қадим дар робита ва пайвандҳои устувори илмию адабӣ, таъсирпазириву таъсиргузорӣ бо ҳам марҳилаи ташаккул ва таҳаввули худро паймудааанду ҳамзамон дар пешрафту ғаномандии ҳамдигар таъсир расонидаанд. Дар шароити имрӯза яке аз масъалаҳои муҳимми шарқшиносӣ ва арабшиносӣ омӯзиши робита ва алоқаҳои чандҳазорсолаи таърихӣ ва фарҳангию адабии забони форсӣ-тоҷикӣ бо забони арабӣ ва адабиёти оламшумули он мебошад.

Мусаллам аст, ки адиб, шоир, мутафаккир ва донишманди бузурги форсу тоҷик Абдурраҳмони Ҷомӣ дар соҳаҳои мухталифи илму адаб осори ҷовидонае ба мерос гузошта, дар ин радиф аз забон ва адабиёти араб низ баҳраманд гардида, бо ин забон чанд китобе таълиф намудааст. Дар эҷодиёти шоир таъсири адабиёти араб ва намояндагони алоҳидаи он назаррас аст. Қабл аз ҳама ӯ аз шоири суфимашраб – Умар ибн ал-Форизи мисрӣ таъсирпазир аст. Дар осори манзуми Ҷомӣ ва рисолаҳои илмии ӯ мазмуну мухтавои ашъори Ибн ал-Фориз ва мавзуоти шеъриии ӯ ба таври васеъ инъикос ёфтааст.

Аз ин ҷиҳат, мавзуи диссертатсияи Холов А.С. муҳим буда, он лоиқи таҳқиқи амиқу фарогир мебошад.

Дар муқаддимаи диссертатсия муаллиф муҳимияти мавзуъ, дараҷаи омӯзиши он, навгонӣ ва асосҳои назарию амалии таҳқиқотро муфассал тавзеҳ дода, проблема ва аҳдофи пажуҳиши худро равшан баён менамояд, ки он барои бонизом ба анҷом расонидани ҷустуҷӯҳои илмӣ мусоидат намудааст.

Саҳми шахсии довталаб дар ҳалли масъалаҳои илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳаммияти он. Консепсияи умумии диссертатсия, сохтори он, дараҷаи дарки масъалаҳои дар он баррасишуда, натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии кор, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда, саҳми довталаби дараҷаи илмӣ ва нуқтаи назари ӯро нисбат ба мавзуи таҳқиқ инъикос мекунанд. Саҳми фардии муаллиф, ҳамчунин, дар омӯзиши назарияҳои олимони муосири ватанию хориҷӣ дар робита ба мавзуи баҳси рисола таҳлилу таҷзия ва муқоисаи онҳо, омода намудани мақолаю маърузаҳо доир ба мавзуи таҳқиқ зоҳир мегардад. Муносибати методологии муаллиф нисбат ба мавзуи мавриди таҳқиқ саҳми шахсии ӯ дар омӯзиши мавзуъ буда, барои ҳалли илмии масъала замина фароҳам овардааст.

Муаллиф дар таҳияи равиши илмии баррасии масъалаҳо, пешниҳоди усулҳо, таҳлилҳои оморӣ, таҳлили қиёсии ашъори Ибн ал-Фориз ва Абдурраҳмони Ҷомӣ, ба низом даровардан ва ҷамъбаст кардани натиҷаҳои бадастомада, пешниҳоди маълумот барои тадқиқот, интихоби мавод ва интишори натиҷаҳои таҳқиқ фаъолона иштирок намудааст.

Таҳқиқи мазкур, ки дар шакли диссертатсияи мукаммал ба анҷом расидааст, заҳмати чандинсолаи муаллиф мебошад

Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ, ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст. Диссертатсия дар се бобу нуҳ фасл шакл гирифта, аз баррасии бобҳо натиҷаҳои мушаххаси илмӣ ба даст омадаанд. Дар боби аввали диссертатсия **“Баррасии аҳвол ва ашъори Ибн ал-Фориз”** муаллиф кӯшиш кардааст, ки зиндагинома, фаъолият ва мухтассоти сабкии ашъори Ибн ал-Форизро мавриди баррасӣ қарор диҳад. Дар фасли якуми боби аввал – **“Зиндагиномаи Ибн ал-Фориз”** – ҷараёни зиндагии шоир ба чор бахш тақсим гардида, ҳар бахш дар асоси сарчашмаҳои муътамади адабиву илмӣ ҳаллу фасл гардидаанд. Ба андешаи муаллиф: “Аксари муҳаққиқону пажуҳишгарон зиндагиву фаъолият ва эҷоди шоири орифро дар се марҳала хулоса кардаанд, вале тазкираи “Нафаҳот-ул-унс”-и Абдурраҳмони Ҷомӣ яке аз сарчашмаҳои нодир барои омӯзиши аҳволи Ибн ал-Фориз аст, ки лаҳзаҳои охири ҳаёти суханвари орифро муфассал баён қардааст. Бинобар ин, саъй мегардад, ки марҳалаҳои ҳаёту фаъолияти Ибн ал-Фориз дар 4 бахш ба тафсил мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шавад”

(Дисс. с. 18). Диссертант дар заминаи тазкираи ирфонии "Нафаҳот-ул-унс"-и Ҷомӣ ҳолати вафоти шоирро равшании бештар андохтааст.

Фасли дуюми боби якум **"Ашъори Ибн ал-Фориз ва мухтассоти сабкии он"** номгузорӣ шуда, муаллиф дар он ашъори орифро аз нигоҳи таърихӣ, жанрӣ, бедеиёт, сабк ва хусусиёти он таҳлил намудааст. Ӯ дар асоси омӯзиши нусхаҳои хаттӣ ва чопии девон муайян кардааст, ки девони Ибн ал-Фориз аз 24 қасида, 5 қитъа, 31 дубайтӣ, 17 луғз, як маволиё ва 6 байте, ки дар миёнаи қасидаи "Мавкиб-ул-ушшоқ" (Маркаби ошиқон)-и Шайх Алӣ – набераи шоир омадааст, таркиб ёфтааст. Муаллиф Ибн ал-Форизро ҳамчун шоири қасидасаро муаррифӣ карда, абёти қасидаҳои шоирро аз 7 то 761 байт ва маъруфтарини онро "Тоияи кубро" ва "Хамрия" муайян сохта, мазмуну муҳтавои меҳварии ашъори ӯро ишқи илоҳӣ медонад. Таҳқиқи Холов А.С. нишон медиҳад, ки ашъори Ибн ал-Фориз аз лиҳози поэтикаи шеърӣ бо ороятҳои адабии лафзиву маънавӣ зинат дода шуда, истифодаи таҷнис афзалият дорад. Чизи дигаре, ки муаллиф таваҷҷуҳи аҳли назарро ба он ҷалб намудааст, истифодаи васеи исмҳои тасғир (хурду навозиш) дар манзумаҳои шоир мебошад.

Диссертант дар асоси равиши оморӣ чунин натиҷагирӣ кардааст, ки: "девони орифи шоир аз 1793 байт иборат буда, абёти қасидаҳо ба 1660 байт мерасанд, ки тақрибан 93 фоизи девони ӯро ташкил медиҳанд" (Дисс. с. 33).

Боби дуюми диссертатсия "**Абдурраҳмони Ҷомӣ ва адабиёти араб**" унвон дошта, аз се фасл иборат аст. Фаслҳо ба таҳқиқи масъалаҳои "Баррасии мақоми Абдурраҳмони Ҷомӣ дар манобеи арабӣ", "Таъсирпазирии Абдурраҳмони Ҷомӣ аз адабиёти араб" ва "Омӯзиши нусхаҳои хаттӣ ва тарҷумаҳои арабии осори Абдурраҳмони Ҷомӣ" бахшида шудаанд. Аз баррасиҳои алоқаманд ба баҳси **"Баррасии мақоми Абдурраҳмони Ҷомӣ дар манобеи арабӣ"** маълум мешавад, ки нахустин манбаи боэътимоди асримиёнагии арабӣ, ки аввалин бор Ҷомиро миёни аҳли адаби араб ҳамчун шоири орифи бузургу номвар муаррифӣ намуд, асари адабӣ-таърихии донишманду муаррихи арабизабони турктабор Аҳмад ибни Мустафо Тошкубризода (1495-1561) – "Аш-шақоиқ-ун-нуъмония фи уламо-ид-давлат-ил-усмония" мебошад. Аз ин рӯ, ин асар дар фосилаи начандон дур аз замони вафоти Абдурраҳмони Ҷомӣ бо забони арабӣ китобат шудааст, ки барои сарчашмаҳо ва тазкираҳои баъдинаи арабӣ марҷаи асосӣ қарор гирифтааст. Фасли дуюми боби дуюм **"Таъсирпазирии Абдурраҳмони Ҷомӣ аз адабиёти араб"** ном дошта, муаллиф дар он таъсири адабиёти арабро ба эҷодиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ ба таври умум таҳқиқ намуда, мазмуну муҳтавои баъзе сурудаҳои шуарои даврахои ҷоҳилии араб, умавӣ ва аббосиро дар муқоиса бо ашъори Ҷомӣ таҳлил кардааст. Инчунин ба масъалаи таъсири

Қуръону аҳодис ба эҷодиёти Ҷомӣ ишораҳо карда, истифодаи иқтибосоти қуръониро дар шеъри форсӣ-тоҷикӣ аввалин маротиба дар эҷодиёти Муҳаммад ибни Васиф (қ. IX) шоири аҳди Саффориён арзёбӣ мекунад (Дисс. с. 64). Холов А.С. бо ишора ба масъалаҳои истифодаи фаровони калима ва таркиботи арабӣ, мисраву ҷумла, байту назмияҳои тозӣ, ашъори муламмаъ, ишора ба номи орифону шоирон ва адибони араб, ки ҳамчун образи бадеӣ дар ашъори Ҷомӣ гаштаанд, баҳрабардорӣ аз мазмуну сохтори сурудаҳои давраи ҷоҳилӣ ва баъд аз он, тарҷума ва шарҳи қасида, рисола ва кутуби шоирону адибони араб ва масоиле аз ин қабил дараҷаи таъсирпазирии Ҷомиро аз адабиёти араб бештар нишон додааст. Ӯ мушаххасан аз эҷодиёти Имруулқайс, Тарафа ибн ал-Абд, Ҳотами Тойӣ, Имом Алӣ, Имом Шофеъӣ, Фараздақ, ал-Мутанаббӣ, Ибни Арабӣ шоҳидҳо овардааст, ки ба муҳтавои ашъори Ҷомӣ таъсир кардаанд. Махсусан баҳси таъсири сохтории қасидаи давраи ҷоҳилии араб ба қасоиди Ҷомӣ ҷолиб буда, таҳлили қиёсии илмии хубе сурат гирифтааст. Фасли охирини боби дуюм **“Омӯзиши нусхаҳои хаттӣ ва тарҷумаҳои арабии осори Абдуррахмони Ҷомӣ”** ном дошта, муаллиф дар он нусхаҳои хаттии осори Ҷомиро, ки дар марказҳои бузургу бонуфузи мероси хаттии Қоҳира, Искандария, Димишқ, Бейрут, Макка, Кувайт, Тунис, Яман ва ғайра ҳифзу нигаҳдорӣ мешаванд, таҳлилу баррасӣ карда, хидмати нусхашинос ва матншиноси машҳури мисрӣ Насруллоҳ Мубашшир ат-Тирозиро дар муаррифи осори хаттии Ҷомӣ махсусан зикр менамояд. Диссертант ба ин васила шуҳрати Ҷомиро дар ҳавзаҳои адабии арабӣ ёдовар шуда, баҳси нусхаҳои хаттии осори Ҷомиро чунин натиҷагирӣ менамояд, ки: “нусхаи дастнависи асари “Ал-фавоид-уз-Зиёия” дар тамоми ғӯшаву канори дунё, бавижа доираҳои адабии давлатҳои арабӣ бештар паҳн гардидааст. Омили асосӣ дар он аст, ки ин асар, на танҳо дар мадрасаҳои Мовароуннаҳру Хуросону Ҳиндустон ва Покистон, балки дар макотибу мадориси сарзамини арабҳо низ ҳамчун китоби дарсӣ дар истифода буд” (Дисс. с. 86).

Дар заминаи нусхаҳои хаттии мавҷуда дар китобхонаҳои давлатҳои арабӣ интишор ва тарҷумаҳои зиёди осори Ҷомӣ ба забони арабӣ сурат гирифтаанд. Таҳқиқоти Холов А.С. нишон медиҳад, ки аввалин тарҷумаи арабии осори Ҷомӣ мансуб ба соли 1042ҳ./1633м., нимаи аввали асри XVII буда, тарҷумаи “Нафаҳот-ул-унс” аст, ки аз тарафи суфии нақшбандӣ Тоҷуддин Муҳаммад ибни Закариё ан-Нақшбандӣ (XVII) амалӣ гаштааст. Муаллиф ба тарҷумаҳои дигари осори Ҷомӣ, аз қабили маснавиҳои “Юсуф ва Зулайхо”, “Лайлӣ ва Маҷнун”, “Саломон ва Абсол”, “Хирадномаи Искандарӣ”, тазкираи “Нафаҳот-ул-унс”, рисолаҳои “Лавоеҳ”, “Шарҳи рубоиёт”, “Лавомеъ”, “Баҳористон” ва ғайра ишораҳо карда, тарҷумаи маснавии “Юсуф ва Зулайхо”, ки аз ҷониби мутарҷими димишқӣ Оиша Иффат сурат гирифтааст, бо матни асл муқоиса

намудааст. Диссертант таъкид кардааст, ки "тарҷумаи қиссаи "Юсуф ва Зулайхо"-и Оиша Иффат Закариё яке аз беҳтарин тарҷумаҳои арабӣ маҳсуб шуда, аҳаммияти бузурги бадеиву эҷодӣ дорад. Ҳамчунин, ба ин васила, хонандагони араб аз маснавии "Юсуф ва Зулайхо" ва муаллифи ошиқпешаи он – Абдурраҳмони Ҷомӣ беш аз беш шиносоӣ пайдо карда, алоқамандони осори ӯ меафзояд" (Дисс. с. 91).

Боби сеюми диссертатсия "**Таҳлили таъсиргузории ашъори Ибн ал-Фориз бар эҷодиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ**" унвон гирифта, аз чор фасл иборат аст. Фасли аввали боб **"Шарҳи Абдурраҳмони Ҷомӣ ба қасидаи "Тоияи кубро"-и Ибн ал-Фориз"** номгузорӣ гардида, диссертант дар он бештар масъалаҳои сохту муҳтаво, вижагӣ, бартарӣ, муқоисаи шарҳро бо дигар шуруҳ ва таъсири қасида ба ҳунари шоирии Ҷомиро ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Шарҳи Мавлоно Ҷомӣ танҳо шомили 76 байти қасидаи "Тоияи кубро" буда, муаллиф асосан таъсири абёти қасидаро ба мазмуну муҳтавои рубоиёти форсӣ-тоҷикии шарҳ нишон додааст. Ҳамчунин дар баробари муайян кардани таъсири қасида ба шарҳи Ҷомӣ онро бо нахсутин шарҳи форсӣ-тоҷикии қасида – "Машориқ-уд-дарорӣ"-и Саидуддини Фарғонӣ муқоиса кардааст. Фасли дуюми боби сеюм **"Муқоисаи қасидаи "Тоияи кубро"-и Ибн ал-Фориз бо тарҷумаи "Тоия"-и Абдурраҳмони Ҷомӣ"** ном дошта, муаллиф нахуст баҳси назариявии кутоҳе дар мавриди тарҷумаи шеъри арабӣ ва шартҳои он доир намуда, ҳама шурутро ба ҳунари шоирӣ ва тарҷумонии Абдурраҳмони Ҷомӣ муносиб медонад. Ба андешаи муҳаққиқ тарҷумаи манзуми Ҷомӣ аз рӯйхати осори ӯ канор мондааст: "Мутаассифона, ин қасида ва ё "Тарҷумаи "Тоияи форизия"-и Мавлоно Ҷомӣ дар рӯйхати осори ӯ ворид нагаштааст. С. Сафавӣ, А. Ҳикмат, Е.Э. Бертелс, А. Афсаҳзод, Ҳ. Разӣ ва дигарон аз чунин асар доштани Ҷомӣ маълумоте надодаанд. Ҳамчунин, дар баъзе аз нусахи хаттии «Куллиёт»-и Мавлоно Ҷомӣ, ки осори мансуру манзуми шоирро фаро мегиранд, тарҷумаи мазкур вуҷуд надорад. Масалан, дар нусхаи қадимаи "Куллиёт" (соли хатм 26-уми майи соли 1503), ки дар ганҷинаи дастнависҳои Академияи улуми Ҷумҳурии Ӯзбекистон, таҳти рақами 1331 нигаҳдорӣ мешаваду шомили 36 осори насриву назмии Ҷомист, "Тарҷумаи Тоияи форизия"-и Мавлоно Ҷомӣ дида намешавад" (Дисс. с. 111).

Холов А.С. атрофи баҳси осори Ҷомӣ, ки баъзе иштибоҳоти нассохону котибонро дар асоси таҳқиқоти А. Афсаҳзод ёдовар шудааст, ба эҷодиёти Ибн ал-Фориз вобастагӣ ва "Тарҷумаи Тоия"-ро дар заминаи таҳия ва таҳқиқи С. Хуршо ба Ҷомӣ мансуб медонад. Диссертант қасидаи "Тоияи кубро" ва тарҷумаи Ҷомиро аз нигоҳи сабки баён, таъсири дарунмояҳои қасида ва истиқболи қофияву радифи абёти он дар тарҷумаи мавзуни Ҷомӣ таҳқиқу баррасӣ намудааст. Дар фасли сеюми боби сеюм – **"Шарҳи Абдурраҳмони**

Ҷомӣ ба қасидаи "Хамрия"-и Ибн ал-Фориз" – муаллиф хусусиятҳои адабӣ, сабкӣ, мавқеи шарҳ миёни дигар шарҳҳо, вижагиҳои шарҳу тарҷума ва дараҷаи таъсири қасидаро ба муҳтавои шарҳи Ҷомӣ нишон додааст.

Муҳаққиқ баҳрабардории Ҷомиро аз қасида бештар дар тарҷумаҳои насрии абёт ва рубоиёти Ҷомӣ муайян кардааст. Рубоиёти шарҳи Ҷомӣ таваҷҷуҳи шарқшиноси машҳури рус Е.Э. Бертелсро ба худ ҷалб намудааст, ки ҳар байте аз абёти қасидаи "Хамрия"-ро бо як рубоии Ҷомӣ оварда, унвонашро "Тарҷумаи "Хамрияи форизия" ли-л-Мавлоно Ҷомӣ" гузоштааст. Диссертант дар натиҷаи омӯзиш ва муқосиаи рубоиёт бо тарҷума ба хулосае омада, ки дар асл абёти дуюми рубоиёт тарҷумаи асили қасида буда, байтҳои аввал танҳо зикри маю шароб аст (Дисс. с. 127). Фасли охири боби сеюм "**Таъсири маонии ашъори Ибн ал-Фориз ба эҷодиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ**" номгузорӣ шуда, муҳаққиқ дар он таъсири мавзуоти ашъори Ибн ал-Форизро ба қасидаву ғазалиёт ва маснавиву рубоиёти Ҷомӣ нишон додааст. Ба андешаи муҳаққиқ бештар мавзуъҳои ишқи илоҳӣ, васфи шароби муҳаббат, таҳаммул, машаққат ва азияти роҳи ишқ, расидан ба мартабаҳои қурбу висол ва амсоли инҳо дар эҷодиёти Ҷомӣ мушоҳида мегарданд, ки бо ашъори Ибн ал-Фориз алоқаманданд. Диссертант ҳар як мавзуи зикршударо бо шавоҳиди зиёд ва таҳлилу баррасиҳои илмӣ натиҷагирӣ кардааст.

Аз хулосаи диссертатсия бармеояд, ки дар ҷараёни омӯзиш ва натиҷаҳои таҳлилу таҳқиқи масъалаҳои мавриди баҳс қарордода Холов А.С. муайян ва мушаххас намудааст, ки дар эҷодиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ ва баъзе шарҳҳои ӯ таъсири ашъори Ибн ал-Фориз намоён аст. Рӯйхати адабиёти дар диссертатсия истифодашуда бо мавзуи таҳқиқнамудаи муаллиф муносибати баланди мантиқӣ дошта, ҷиҳати илмию натиҷаҳои боварибахши таҳқиқро комилан таъмин менамоянд.

Дар баробари дастовардҳои илмии зикршуда диссертатсия аз нуқсу камбудиҳои ҷузъӣ низ холӣ нест, ки таъкид ва ислоҳи онҳо барои мукаммал шудани диссертатсия аз манфиат дур намебошад. Аз ҷумла:

1. Ба назари мо, муаллиф агар дар бахши дараҷаи омӯзиши мавзуъ таълифоти муҳаққиқони пешинаро аз нигоҳи нав баррасӣ ва гурӯҳбандӣ менамуд, арзиши рисола меафзуд.

2. Ба андешаи мо, фасли якум ва дуюми боби сеюм зери як унвон таҳқиқ мегардид, беҳтар буд.

3.Дар таҳлилу баррасии масоили диссертатсия диққати муаллиф асосан ба ду қасидаи Ибн ал-Фориз "Тоияи кубро" ва "Хамрия" равона шуда, ба дигар қасидаҳои шоир камтар таваҷҷуҳ зоҳир гардидааст.

4.Дар диссертатсия баъзан такрори фикру андешаҳо ба назар мерасанд, ки танҳо бо ишорае иктифо кардани онҳо беҳтар аст.

5.Дар рисола гоҳо хатоҳои техникӣ ва услубӣ ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо баҳри манфиати кор аст.

Хатоҳои номбаршуда ба ҳеҷ ваҷҳ аҳаммияти таҳқиқоти анҷомшударо халалдор намесозанд, зеро онҳо хусусияти таҳририю ислоҳшаванда доранд ва ба мазмуну муҳтавои диссертатсия ва дастовардҳои илмии муҳаққиқ таъсири ҷиддӣ намерасонанд.

Автореферати диссертатсия (ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ), осори илмиву мақолаҳои дар ин замина нашркардаи диссертант мазмуну муҳтавои диссертатсияро ба пуррагӣ инъикос ва ифода мекунанд.

Тавре ки аз феҳрасти таълифоти Холов Аълохуҷа Сайнозимович бармеояд, ӯ доир ба мавзуи таҳқиқи худ 11 мақолаи илмӣ нашр намудааст, ки 5-тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

Аннотатсияи диссертатсия, ки бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дар охири автореферати диссертатсия оварда шудаанд, моҳияти илмии диссертатсияи мазкурро ба таври фишурда инъикос менамоянд.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Холов Аълохуҷа Сайнозимович дар мавзуи "Таъсири Ибн ал-Фориз ба эҷодиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ", ки таҳти роҳбарии доктори илмҳои филологӣ Мардонӣ Тоҷиддин Нуриддин иҷро шудааст, кори илмию тахассусии ба охиррасида буда, арзишманд дониста мешавад.

Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.

Диссертатсия Холов Аълохуҷа Сайнозимович дар мавзуи "Таъсири Ибн ал-Фориз ба эҷодиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ" ба талаботи бандҳои 31-37 -и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июли соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.03 – Адабиёти кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии Амрико ва Австралия (адабиёти араб) мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи филологияи араби МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" (13 январи соли 2023, суратҷаласаи № 6) муҳокима ва тасдиқ шудааст.

Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 11 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: "тарафдор"-11 нафар, "зид"- нест, "бетараф"- нест.

Раиси ҷаласа:

Номзади илми филология, дотсент
мудири кафедраи филологияи араби
МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" Анварова Маърифат

Эксперт:
Номзади илми филология,
дотсенти кафедраи филологияи араби
МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” Ҳомидиён Ҳикматшоҳ Комилӣ

Котиби илмии ҷаласа:
дотсенти кафедраи филологияи араби
МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” Салимова Нигора

Имзоҳои М. Анварова, Ҳ. Ҳомидиён ва Н. Салимоваро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси МДТ “Донишгоҳи
давлатии Хуҷанд ба номи
академик Бобоҷон Ғафуров” Наврӯзов Э.М.

“13” январи соли 2023

Суроғаи муассисаи пешбар:
735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Суғд, шаҳри Хуҷанд,
гузаргоҳи Мавлонбеков, 1.
Тел: (+992) 92-738-88-87
E-mail: ddhkadr@mail.ru
Сомонаи расмӣ: www.hgu.tj